Тасдиқ менамоям,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

_____________Солеҳзода А. А.

“01” сентябри соли 2022

# П Р О Т О К О Л И №07

## ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 1сентябри соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат пешниҳод мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, нақлиёт.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии рушди саноати доруворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №569 );

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №388).

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А. А. ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи давлатии рушди саноати доруворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» Муҳсинзода Ғафур Муҳсин- муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Мақсади Барнома ин зина ба зина таъмин намудани рушди устувори саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва беҳтар намудани дастрасии аҳолии кишвар бо маводи доруворӣ ва молҳои тиббии хушсифат мебошад.

Барномаи мазкур аз 36 банд (27 банд ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар якҷояги бо вазорату идораҳо, 6 банд Академияи миллии

илмҳои Тоҷикистон дар якҷояги бо вазорату идораҳо, 2 банд КВД “Бонки саноатию содироти Тоҷикистон” ва 1 банд ба вазорати кишоварзӣ) иборат мебошад.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №388 тасдиқ шудааст, Солеҳзода Умед– муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш манзур намуд.

Вазифаҳои асосии Барнома ин фароҳам овардани шароит ва замина барои рушди босуботи соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти бозори дохилӣ бо матои атласи истеҳсоли ватанӣ, афзун намудани иқтидори содиротии маҳсулоти тайёр, таъмини шуғли аҳолӣ, таҳияи механизмҳои иқтисодӣ ва омилҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузориҳои мустақим пешбинӣ шудааст.

Барномаи мазкур татбиқи 21 лоиҳаро бо маблағи умумии 203,8 млн. сомонӣ дар бар гирифта, аз ин 1,8 млн. сомонӣ ( 0,9 фоиз) ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва 202,0 млн. сомонӣ (99,1 фоиз) ба бахши хусусӣ рост меояд ва то имрӯз аз лоиҳаҳои пешбинишудаи нақшаи чорабиниҳои он дар маҷмуъ 55,4 фоиз иҷро гардидааст.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки ҳисобот бо назардошти индикаторҳо, ҳадаф, тадбирҳо ва вазифаҳои гузошташуда пурра гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В., Аҳадзода Б. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти кайдҳои боло чунин қарор қабул карда шуд:

1.Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ натиҷаи иҷрои «Барномаи давлатии рушди саноати доруворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»-ро бо дарназардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 5 сентябри соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2.Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (А. Вафо) «Барномаи давлатии рушди саноати доруворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»-ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 сентябри соли 2022 пешниҳод намояд.

3. Вазорати саноат ва технологияҳои нав ҷараёни татбиқи «Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024»-ро бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 5 сентябри соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст манзур намояд;

**4.** Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (Аҳадзода Б.) ҳисоботи иҷрои «Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024»-ро бо назардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 20 сентябри соли 2022 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд;

Котиби масъул Ҳ. Мавлонова